# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. – Душанбе, 2026. – 409 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳаққиқ Зокирзода З.Х. масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст, ки дорои мубрамияти баланди илмию амалӣ мебошад. Муҳаққиқ ба сифати ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд чунин ҷазоҳоро дохил намудааст: корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ. Ин ҷазоҳо дар замони муосир таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқии бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мавқеи калидиро ишғол намудаанд. Ин аз он хотир аст, ки ҷазоҳои мазкур оқибатҳои сазоӣ, ислоҳнамоӣ, тарбиявӣ, пешгирӣ ва аз ҳама муҳим хусусияти гуманистиро доро мебошанд. Ин аст, ки дар амалияи судӣ ҷазоҳои мазкур бештар татбиқ карда мешаванд ва чунин ҳолат аз мубрамияти таҳқиқоти мазкур дарак медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ ба амалия робитаи зич дорад. Се боби таҳқиқот ба масъалаҳои амалия бахшида шуда, мушкилотҳои дар амалия ҷойдоштаро ошкор намуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо тавсияҳои судманд манзур намудааст. Аз ҷумла, боби сеюми таҳқиқот ба масъалаи таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан

дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ бахшида шуда, мушкилоти ҳукмҳои судӣ, раванди таъини ҷазо, мушкилоти қонунгузории ҷиноятиро ошкор намудааст, ки ислоҳу бартарафсозии онҳо ба мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ ва ҳам амалияи судӣ дар самти ҷазоҳои мавриди назар мусоидат менамоянд. Бинобар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ, муайян кардани мушкилот, пешниҳоду хулосаҳои асосноки муҳаққиқ дар ин самт мубрамияти мавзуи таҳқиқотро боз ҳам дучанд мегардонад.

Дар бобҳои чорум ва панҷуми диссертатсия муҳаққиқ чаҳор намуд ҷазои зикршударо вобаста ба хусусияти меҳнатӣ ва маҳдудкунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо сохта, дар алоҳидагӣ мушкилотҳои раванди иҷрои онҳоро таҳқиқу баррасӣ кардааст. Дар ин бахшҳо муҳаққиқ қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятиро бо амалияи иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ таҳлил намуда, ҳам мушкилоти қонунгузорӣ ва ҳам амалияи иҷроро ошкор сохтааст. Дар зимн ҷиҳати бартарафсозии онҳо тавсияҳои судманд пешниҳод кардааст, ки самаранокии қонунгузории иҷро ва амалияи иҷрои ҷазоҳои зикршударо дучанд баланд мебардорад. Маҳз чунин ҷиҳатҳо дар маҷмуъ ифодакунандаи мубрамияти таҳқиқоти муаллиф мебошанд.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур ҳамзамон дар он зоҳир мегардад, ки ба таври низомнок масъалаҳо пай дар пай таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф, аввалан мазмуну моҳияти ҷазоҳои асосиеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, низоми ҷазо ва асосҳои ҷудосозии он ба ҷазоҳои асосию иловагиро таҳлил намуда, дар ин миён чор намуди ҷазоро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд барои таҳқиқоти минбаъдаи худ ихтиёр кардааст. Баъдан, мафҳуму моҳият, хусусиятҳо, проблемаҳои таъин ва иҷрои ин ҷазоҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулосаҳои илман асоснок ва тавсияҳои судманд манзур кардааст.

Ҳамин тавр, андешаҳои зикршуда мубрамияти мавзуи таҳқиқотро асоснок намуда, аҳаммиятнокии таҳқиқотро аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳад. Таҳқиқоти анҷомпазируфта аввалин таҳқиқоти ватанӣ дар самти ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба хусус оид ба масъалаҳои мафҳуму моҳият, таъин ва иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст овардашуда метавонанд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муосидат намоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти мазкур аз ҳар ҷиҳат мубрам ва муҳим буда, аз рӯйи низомнокӣ, комплексӣ, истифодаи усулҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот яке аз таҳқиқотҳои муҳим дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ маҳсуб мешавад, ки дорои навгониҳои пурарзиш мебошад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нахустин маротиба ба масъалаи ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд таваҷҷуҳи баланди илмӣ зоҳир гардидааст.

Навгонии таҳқиқот дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф ифода меёбад, ки ишора намудани баъзе аз онҳоро ба маврид меҳисобем:

1. Муаллиф дар консепсияи илмии худ мафҳуми низоми ҷазоро асоснок пешниҳод намудааст, мувофиқи он низоми ҷазо номгӯйи пурра ва барои судҳо ҳатмии ҷазо фаҳмида мешавад, ки аз тарафи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда муқаррар карда шуда, вобаста ба дараҷаи вазниниашон бо як тартиби муайян ҷойгир карда шудаанд (саҳ. 15 диссертатсия).

2. Дар хусуси ҷазои маҳдуд кардани озодӣ муаллиф қайд намудааст, ки андешаҳо оид ба нолозим эътироф намудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ моро қонеъ накарда, устувории мавқеи моро оид ба нигоҳ доштан ва мукаммал намудани механизми татбиқи ҷазои мазкур халалдор сохта наметавонад. Ба ақидаи мо, дар ин хусус ба шитобкорӣ набояд роҳ дод, зеро ҷазои мазкур ҳануз аҳаммияти худро гум накарда, дорои оқибатҳои сазоӣ ва ислоҳӣ мебошад. Мавҷудияти ин ҷазо аз инсондӯстона будани қонунгузории ҷиноятии кишвар дарак медиҳад (саҳ. 16).

3. Мушкилоти таъини ҷазо дар намуди махдуд кардани озодӣ метавонанд ба сабабҳои гуногун вобаста бошанд, аз ҷумла норасоии қонунгузорӣ, мушкилоти иқтисодӣ, шубҳаҳо дар бораи самаранокии онҳо ва таҳдидҳо дар бораи такрори содири ҷиноятҳо. Барои беҳтар кардани низом ва таҳкими таъини дурусти ҷазои мавриди назар, зарур аст, ки қонунгузорӣ такмил дода шавад, механизмҳои мониторинг ва дастмонаҳои назоратӣ истифода бурда шавад (саҳ.16).

4. Асоснок карда шудааст, ки айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми ҷазо ҷараён дорад, ки самтҳои афзалиятноки он пурзӯр намудани мубориза ба муқобили ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин

ҳангоми сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва миёна мебошад (саҳ.17).

5. Муҳлати корҳои ҳатмӣ м. 48 (1) КҶ ҶТ барои шахсони бекор то 8 соат дар як рӯз муқаррар карда шавад. Ин ба маҳкумшуда имконият медиҳад, ки муҳлати ҷазоро ҳар чӣ зудтар адо намояд ва ҳам бо кор таъмин намудани маҳкумшударо осонтар менамояд. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки ҳаҷми соат ба 480 соат расонида шавад (саҳ.18).

6. Пешниҳод менамоем, ки дар м. 14 КИҶҶ ҶТ таълими ҳарбӣ ҳамчун воситаи ислоҳи маҳкумшудагон муқаррар карда шавад. Инчунин дар боби 16 КИҶҶ ҶТ як моддаи дигар ба масъалаи татбиқи корҳои ислоҳӣ нисбати маҳкумшудагони ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ пешбинӣ карда шавад (саҳ.18).

Умуман, нуктаҳои дар диссертатсия зикршуда барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон навгонии муҳимми илмиро ташкил медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаю тавсияҳое, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд бо таҳлили низомнок, истифодаи бамавриди усулҳои илмӣ, тасдиқсозӣ бо андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, ибрози андешаи шахсии муаллиф, таҳлили ҳукмҳои судӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ асоснок карда шудаанд.

Зимни таҳқиқоти худ муаллиф ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ такя намуда, мазмуну моҳият, проблемаҳо, нуқсонҳои қонунгузории амалкунандаро оид ба ҷазоҳои ҷиноятии корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ асоснок намуда, хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст.

Хулосаю тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамзамон бо омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ асоснок гардидааст. Муаллиф қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷиро таҳлил карда, асоснок намудааст, ки дар кадом меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҷумҳурӣ нуқсонҳо ҷой доранд ва аз кадом ҷиҳат меъёрҳои қонунгузории мо нисбат ба қонунгузории кишварҳои хориҷӣ мукаммалтар мебошад.

Бе шубҳа гуфтан мумкин аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва ҳукмҳои судӣ ба даст оварда шудаанд. Бинобар ин, онҳо ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории амалкунандаи кишвар, институтҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба ҷазоҳои ҷиноятии

корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ мусоидати назаррас хоҳанд кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, бо назардошти максад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро ташкил медиҳад.

Муқаддимаи таҳқиқот ба шарҳу тавзеҳ ва асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии таҳқиқот ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бахшида шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия «Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад, ки масъалаҳои асосии зеринро фарогир аст: мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд; проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶумҳурииТоҷикистон; низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он; асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ.

Зербоби якуми таҳқиқот ба масъалаи «Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки ба ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» бахшида шудааст. Дар ин бахш муҳаққиқ бо таҳлили нишондодҳои оморӣ асоснок намудааст, ки татбиқи ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба мисли корҳои ҳатмӣ ва корҳои ислоҳӣ аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ чанд баробар инсондӯстона буда, ба мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ мебошад. Аз ҷумла, дар таҳқиқот зикр шудааст, ки бо татбиқи ҷазои мавриди назар маҳкумшуда робитаҳои оилавӣ ва меҳнатии худро нигоҳ дошта, ҳамчунин имкони ислоҳ ва такмили шахсиятро фароҳам меорад. Ин равиш барои барқарорсозии тарзи муносибати инсондӯстона ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон

аҳаммияти калон дорад, зеро шахс аз назорати қонун огоҳ мешавад, дар ҳоле, ки ҳанӯз имкони идома додани ҳаёти муқаррариро дорад (саҳ. 28).

Зербоби дуюми боби якум «Проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, муаллиф дар он мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ ва мушкилоти татбиқи онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд гардидааст, ки иҷрои мақсади ҷазо дар сурате имконпазир хоҳад буд, ки агар ҷазои нисбати маҳкумшуда таъиншуда одилона буда, ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани ҷинояти содиршуда мутобиқат намуда, бо шароит ва чигунагии ҳолати парвандаи шахси гунаҳкор мутаносиб ва мувофиқ бошад (саҳ. 43).

Зербоби сеюми боби якум ба масъалаи «Проблемаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, дар онҳо масъалаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муҳаққиқ мафҳуми низоми ҷазоро аз назари олимони ватанию хориҷӣ таҳлил намуда, дар охир назари муаллифонаи худро пешниҳод кардааст: низоми ҷазо – ин маҷмуи ҳамаи намудҳои ҷазое мебошад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ шуда, бо тартиби муайян ва вобаста ба дараҷаи вазнинии онҳо ҷой дода шудаанд (саҳ.70). Ин масъаларо аз дидгоҳи олимони ватанию хориҷӣ ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳои судманд баровардааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» номгузорӣ шуда, дар он муаллиф масъалаҳои зеринро таҳқиқ намудааст: моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ; моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ.

Зербоби якумро диссертант ба масъалаи «Моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» бахшидааст. Дар ин зербоб муҳаққиқ ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро оид ба корҳои ҳатмӣ мавриди таҳлил қарор дода, муайян кардааст, ки оид ба мазмун ва моҳияти корҳои ҳатмӣ дар қонунгузории ҷиноятии кишвар баъзе холигиҳо ҷой доранд.

Масалан, дар таҳқиқот зикр шудааст, ки қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва ФР ҷазои корҳои ҳатмиро дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ дар мавқеи чорум қарор додаанд. Аммо дар тафовут аз муқаррароти қонунгузории

ҷиноятии ФР дар КҶ ҶТ, ба андешаи мо, равиши меъёрҳо каме нодуруст муқаррар шудааст. Масъала сари он меравад, ки дар КҶ ФР тавре ки дар низоми ҷазоҳо пай дар пай ҷазоҳо пешбинӣ шудаанд, ҳамон тавр дар моддаҳои баъдина ҷазоҳо бо тартиб дар алоҳидагӣ оварда шудаанд. Дар КҶ ҶТ дар низоми ҷазои ҷиноятӣ корҳои ҳатмӣ дар ҷойи чорум муқаррар шудааст, вале дар моддаҳои алоҳида дар ҷойи якум. Яъне ҳангоми дар алоҳидагӣ муқаррар кардани намудҳои ҷазо ба низомнокии онҳо таваҷҷуҳ карда нашудааст (саҳ. 108).

Дар зербоби дуюми боби дуюм муҳаққиқ масъалаи «Моҳият ва мазмуни корҳоиислоҳӣ»-ро мавриди омӯзишу таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Зимни таҳқиқот муаллиф моҳияти корҳои ислоҳиро шарҳу тавзеҳи васеъ намуда, махсусиятҳои онро муайян кардааст. Ба назари муҳаққиқ, корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ як воситаи муосир ва нисбатан муассир барои мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд агар онҳо дуруст ва пурра татбиқ шаванд. Корҳои ислоҳӣ имкон медиҳанд, ки муносибати инсондӯстона ва барқарорсозии иҷтимоӣ дар низоми адлияи ҷиноятӣ амалӣ шавад. Барои беҳтар кардани татбиқи чунин ҷазо, бояд заминаҳои ҳуқуқӣ, инфрасохтор ва равандҳои назоратӣ такмил дода шаванд, то ки ин намуди ҷазо ба таври босамар иҷро гардад (саҳ. 114).

Дар зербоби сеюми боби дуюм масъалаи «Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»-ро фаро гирифта, дар он муаллиф паҳлуҳои гуногуни ҷазои ҷиноятии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро таҳқиқ намуда, мафҳуму аломатҳои фарқкунандаи онро нишон додааст. Ба монанди: маҳдуд карда дар хизмати ҳарбӣ ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои маҳкумшуда равона гардидааст; дар ин ҷазо маҳкумшуда на ҳар гуна субъект, балки танҳо шахсоне буда метавонанд, ки ба хизмати ҳарбӣ алоқамананданд; адои ин ҷазо на дар ҳар гуна объект, балки танҳо дар қисмҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешавад (саҳ. 130).

Дар зербоби чоруми боби дуюм муҳаққиқ масъалаи «Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ»-ро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Зимни таҳқиқи масъалаи мазкур муаллиф андешаҳои олимони ватанию хориҷиро таҳлил намуда, махсусиятҳои ин намуди ҷазоро муайян кардааст. Ба ақидаи муҳаққиқ, нуктаи муҳимме, ки маҳдуд кардани озодиро аз дигар ҷазоҳо фарқ мекунад, ин хусусияти иҷтимоии он аст. Маҳрум сохтан аз озодӣ аксар вақт боиси бадтар шудани ҳолати равонӣ ва иҷтимоии маҳкумшуда мешавад дар ҳоле ки маҳдуд кардани озодӣ ин таъсирро кам мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар қонунгузории бисёре

аз кишварҳо ин намуди ҷазо барои шахсоне истифода мешавад, ки хавфи иҷтимоии паст доранд, ё бори аввал ҷиноят содир намудаанд (саҳ. 147).

**Боби сеюми** диссертатсия ба масъалаи «Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд» бахшида шуда, дар ин бахш масъалаҳои таъини ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ бо назардошти баррасии ҳукмҳои судӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби сеюм муҳаққиқ масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ»-ро баррасӣ намудааст. Дар ин бахш муаллифи таҳқиқот проблемаҳои қонунгузорӣ ва ҳолатҳои дар амалияи фаъолияти судҳо ҷойдоштаро оид ба таъини корҳои ҳатмӣ баррасӣ намуда, хулосаҳои илман асоснок пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ ба маврид қайд намудааст, ки ба назари мо, чунин қоидаи иваз намудани корҳои ҳатмӣ, ки дар қ. 5 м. 48 (1) КҶ ҶТ муқаррар шудааст, на он қадар ҳам мантиқӣ ва асоснок ҳисобида мешавад, зеро аз як тараф маҳдуд кардани озодӣ то бунёди ҷойҳои махсуси иҷрои он дар амалия иҷро намешавад. Танҳо ҳангоми ашаддӣ саркашӣ кардан аз корҳои ҳатмӣ барои ивазнамоӣ корҳои ислоҳӣ боқӣ мемонад. Аммо иваз намудани корҳои ҳатмӣ бо корҳои ислоҳӣ чандон асоснок нест, чунки шахс аз кор саркашӣ мекунад ва суд корро боз ба кор иваз мекунад. Бинобар ин, мо чунин пешниҳод менамоем, ки дар ҳолатҳое, ки шахс ашаддӣ аз адои корҳои ҳатмӣ саркашӣ менамояд, бояд бо ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шавад (саҳ. 168).

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» таҳқиқ шудааст. Дар ин зербоб муҳаққиқ проблемаҳои назариявӣ ва амалии дар рафти таъини корҳои ислоҳӣ ба миёноядаро ҳамаҷиҳата баррасӣ намуда, ҷиҳати мукаммал намудани меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба корҳои ислоҳӣ хулосаю тавсияҳои судманд манзур кардааст, ки баҳри боз ҳам афзудани самаранокии таъини он мусоидат менамояд. Тавре дар таҳқиқот қайд мегардад, қонунгузории ҷиноятӣ доираи ҳолатҳоеро, ки суд бояд ҳангоми таъини ҷазо ба инобат гирад, муқаррар кардааст. Аммо дар меъёри мазкур вазъи моддию оилавии судшаванда, доштан ё надоштани ҷойи кори доимӣ, вазъи саломатӣ ё қобилияти меҳнатии судшавандаро муқаррар накардааст, ки ба андешаи мо, аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷиҳати аҳаммиятнокӣ камтар намебошанд (саҳ. 178).

Дар зербоби сеюми боби сеюм муҳаққиқ масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Зимни таҳқиқоти худ муаллиф андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва баъзе ҳукмҳои судиро таҳлил намуда, мушкилоти ҷойдоштаро оид ба таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, диссертант ҷиҳати мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод намудааст, ки м. 79 КҶ ҶТ бо муҳтавои зерини қ. 3.1 мукаммал гардонида шавад: "3.1. Нисбат ба шахси аз рӯйи маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ маҳкумшуда, имкон дорад давраи адонашудаи маҳкумияти вай бо намуди ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шавад ба шарти он ки то анҷоми давраи мувофиқи ҳукми суд муайянгардида аз рӯйи асосҳои дар қонунгузории ҶТ пешбинишуда аз хизмати ҳарбӣ озод гардида бошад" (саҳ. 222).

Дар зербоби чоруми боби сеюм масъалаи «Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ» баррасӣ шудааст. Дар ин қисмат муаллифи таҳқиқот проблемаҳои дар амалия ҷойдоштаро оид ба таъини ҷазои маҳдуд кардани озодӣ, аз ҷумла, сабабҳои кам таъин шудани ҷазои мазкурро аз ҷониби судҳо таҳқиқ намуда, хулосаҳои судманд пешниҳод кардааст, ки дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошанд. Аз ҷумла, барои пурра намудани холигиҳои ҷойдоштаи қонунгузории ҷиноятӣ муҳаққиқ пешниҳод намудааст, ки қ. 7 м. 87 КҶ ҶТ дар таҳрири зер баён гардад: "Ҷазои маҳдуд кардани озодии шахсони ноболиғи аз сӯйи суд маҳкумшуда метавонад танҳо ба сифати намуди ҷазои асосӣ ба муддати аз ду моҳ то ду сол таъин гардад" (саҳ. 226).

**Боби чоруми** диссертатсия «Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда» унвон гирифта, дар он масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ; иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои ташкилии ҳуқуқии раванди иҷрои корҳои ислоҳӣ; шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ; масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби чорум муҳаққиқ масъалаи «Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ» мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, проблемаҳои қонунгузорӣ ва дар амалия ҷойдоштаро оид ба иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, ба ақидаи муаллифи таҳқиқот, иҷрои корҳои ҳатмӣ дар маҳалли истиқоматӣ сохтор ва ё шахси масъулро тақозо менамояд. Инро ба инобат гирифта, пешниҳод мешавад, ки дар

ноҳияҳо (шаҳрҳо) ба нафъи кор хоҳад буд агар шуъбаи махсуси нозир бар раванди иҷрои ҷазои корҳои ҳатмӣ бо ҳузури намояндаи он дар ҳайати сохтори ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот созмон дода шавад (саҳ. 248).

Зербоби дуюми боби чорум ба масъалаи «Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ» бахшида шудааст. Зимни таҳқиқоти худ, муаллиф дар ин қисмат масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии раванди иҷрои ҷазо, шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ ва масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшударо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Таҳқиқоти муаллиф баҳри такмили қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва самаранокии раванди иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ нигаронида шудааст. Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ, муқаррароти м. 40-и КИҶҶ ҶТ дар бораи ба ҳисоб гирифтани муҳлати рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи маҳкумшуда бояд ба муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ мутобиқ гардонида шавад. Аз нигоҳи мо, дар қонунгузории меҳнатӣ бояд меъёри иловагӣ оид ба ҳолатҳои истисноие, ки дар қонунгузории ҶТ муқаррар кардааст, ворид карда шавад (саҳ. 265).

**Боби панҷуми** диссертатсия «Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда» ном гирифта, дар он масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ; ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ; мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардан аз озодӣ маҳкум шудаанд; проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид шудааст.

Дар зербоби якуми боби панҷум масъалаи «Иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ» таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин қисмат муҳаққиқ тамоми паҳлуҳои илмӣ ва амалии раванди иҷрои ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро таҳқиқ намуда, бо назардошти таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мушкилоти ҷойдоштаро дар бахши иҷрои ҷазои мазкур муайян намудааст. Тавре муҳаққиқ қайд месозад, ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва манфиатҳои қонунии хизматчии ҳарбии афроди маҳкумшуда аснои иҷрои ҷазои мазкур; корҳои тарбиявӣ бо хизматчиёни ҳарбии маҳкумшуда; воситаҳои ҳавасмандгардонии маҳкумшуда; саркашии маҳкумшуда аз адои ҷазо ва ё аз иҷрои шартҳои адои ҷазо дар қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ танзим нагардидаанд. Аз ин рӯ беҳтар аст, ки онҳо дар моддаҳои ҷудогонаи КИҶҶ ҶТ муқаррар карда шаванд (саҳ. 313).

Дар зербоби дуюми боби панҷум муҳаққиқ ба таҳқиқи масъалаи «Ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ» пардохта, дар он масъалаҳои мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардан аз озодӣ

маҳкум шудаанд ва проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодиро мавриди таҳлил қарор додааст. Зимни таҳқиқи ин масъалаҳо муаллифи таҳқиқот мушкилотҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятиро оид ба иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ муайян карда, хулосаю тавсияҳои судманд пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, ба андешаи муҳаққиқ, истифодаи истилоҳи "маҳалли адои ҷазо" дар номи м.м. 48, 49 ва дигар моддаҳои КИҶҶ ҶТ нодуруст мебошад, зеро истилоҳи "маҳал" нисбатан васеъ буда, воҳиди марзию маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар ивази истилоҳи мазкур бояд дигар истилоҳоти мувофиқ истифода карда шавад. Ҳамин тариқ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар номи м.м. 48, 49 ва дигар меъёрҳои КИҶҶ ҶТ истилоҳи "маҳалли адои ҷазо" ба истилоҳи "муассисаи адои ҷазо" иваз карда шавад (саҳ. 340).

Дар интиҳо муаллифи рисола таҳлилу баррасии ҳар як бобро натиҷагирӣ намуда, 20 банд хулосаи дорои аҳаммияти назариявӣ дошта пешниҳод кардааст. Ғайр аз ин, дар таҳқиқоти муаллиф 11 банди дигар тавсияҳои амалӣ нишон дода шудааст, ки ҳар кадоме аз онҳо холигиҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро пурра намуда, ба самаранокии раванди таъин ва иҷрои ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳдуд кардани озодӣ мусоидат менамоянд.

Ҳар як хулосаи таҳқиқот ба масъалаҳои алоҳидаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бахшида шуда, проблемаҳоеро фаро мегиранд, ки барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ навгонии хоссаро ташкил медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аз хулосаю таклифҳои таҳқиқот, ба хусус нуктаҳои илмию амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур дар самти масъалаи ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд яке аз таҳқиқотҳои комил ва нодири илмӣ ба ҳисоб рафта, аҳаммияти баланди илмию амалиро доро мебошанд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқот метавон дар рушди институтҳои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истифода бурда, адабиётҳои комили илмӣ таҳия намуд. Таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла адабиёте, ки муаллиф дар заминаи он таҳия намудааст, барои доираи васеи донишҷӯёну пажуҳишгарони риштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ маводи комплексии судманд буда, аз аҳаммияти назариявии таҳқиқот дарак медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳои он меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар самти ҷазоҳои ҷиноятие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд мукаммал намуда, ба самаранокии ҳукмҳои судӣ, раванди таъин ва иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар таҷрибаи кишварҳои хориҷию ватанӣ ба таъини ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ таваҷҷуҳи барзиёд дода мешуд. Ҳол он, ки ҷазои мазкур хароҷоти зиёдро аз ҷониби давлат талаб менамояд ва дар баробари ин, маҳкумшуда чун “муфтхур” на ба давлат ва на ба ҷомеаю оилаи худ ягон манфиат намерасонад. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд чунин хароҷотҳоро кам намуда, ҳамзамон зимни адои ин ҷазоҳои ҷиноятӣ маҳкумшуда, ҳам ба давлату ҷомеа ва ҳам ба оилаи худ манфиати моддию маънавӣ мерасонад. Чунин ҳолат бозгӯкунандаи аҳаммияти иқтисодии таҳқиқоти мазкур мебошад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар он ифода мегардад, ки ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд робитаи иҷтимоии маҳкумшударо бо ҷомеа ва оила нигоҳ дошта, дорои оқибатҳои баланди созӣ буда, ба самаранокии раванди ислоҳи маҳкумшуда таъсиргузор мебошад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Хулосаю таклифҳои таҳқиқот дар 6 монография, 52 мақолаи илмӣ, ки аз он 27 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот дар диссертатсия баъзе ҳолатҳои баҳсталабу нофаҳмо ҷой доранд, ки шарҳу тавзеҳ ва асоснокнамоии иловагии муҳаққиқро талаб мекунанд. Аз ҷумла:

1. Диссертант дар таҳқиқоти худ иброз доштааст, ки «Дар қонунгузории хориҷӣ, аз ҷумла Русия оид ба мавридҳое, ки шахси маҳкумшуда иҷозати хориҷ шудан аз маҳалли иҷрои ҷазоро дорад, меъёри дахлдор пешбинӣ шудааст. Аммо қонунгузории ҶТ ягон ҳолатро оид ба ин масъала муқаррар накардааст. Бо ин назардошт, афзалтар меҳисобем, ки дар м. 52 КИҶҶ ҶТ ҳолатҳое, ки ба маҳкумшуда ҷиҳати баромадан аз ҳудуди адои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ иҷозат мебошанд, муқаррар карда шавад» (саҳ. 343). Аммо, диссертант равшан нишон надодааст, ки зери истилоҳи «ҳолатҳое, ки ба маҳкумшуда ҷиҳати баромадан аз ҳудуди адои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ иҷозат мебошанд» кадом ҳолатҳоро дар назар дорад ва ё кадом ҳолатҳоро ҷой додан мумкин аст. Бинобар ин, аз муаллиф мехостем дар ин хусус андешаи худро илман пешниҳод намояд.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки «Дар баъзе минтақаҳо, муассисаҳо ё инфрасохтори лозима барои қабул ва корфармоии шахсони маҳкумшуда вуҷуд надоранд. Ҳамчунин сатҳи назорат ва мониторинг метавонад коҳиш ёбад, ки ин боиси саркашӣ ё иҷро нашудани ҷазо мегардад. Барои ҳамин зарур аст, ки мақомоти маҳаллӣ, судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо ҳамоҳанг амал кунанд ва муносибати шахсӣ ба ҳар як маҳкумшуда дошта бошанд» (саҳ. 96). Дар матни диссертатсия дақиқ нашудааст, ки муаллиф зери истилоҳи "баъзе минтақаҳо" маҳз кадом минтақаро дар назар дорад. Ҳамзамон, дар андешаи мазкур истилоҳи "муносибати шахсӣ ба ҳар як маҳкумшуда" норавшан ифода шудааст. Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки дар рафти ҳимояи ошкорои диссертатсия ба истилоҳоти зикршуда равшанӣ андозад.

3. Дар рисола қайд гардидааст, ки шахсоне, ки ба андешаи мо, корҳои ислоҳӣ бояд нисбати онҳо таъин карда нашавад, ин супорандагони алимент мебошанд. Баъдан муҳаққиқ пешниҳод намудааст, ки дар қ. 3 м. 52 КҶ ҶТ чунин банди нав илова карда шавад: “3) шахсоне, ки алимент месупоранд” (саҳ. 195-196). Вобаста ба ин масъала саволе ба миён меояд, ки агар маҳкумшуда супорандаи алимент бошад, бо адои дигар намуди ҷазо чи гуна метавонад уҳдадории алиментии худро иҷро намояд? Барои пардохти алимент ба чунин маҳкумшуда магар машғул шудан ба меҳнату музди меҳнат гирифтан ва бо он иҷро намудани уҳдадории алиментии худ манфиатнок нест? Тахмин меравад, ки барои маҳкумшудаи дорои уҳдадории алиментӣ таъини корҳои ислоҳӣ, ки дар фарқият аз корҳои ҳатмӣ музднок аст бисёр мувофиқ ба назар мерасад. Аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки ин андешаи худро ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия асоснок намояд.

4. Дар зербоби 3.4 диссертатсия (саҳ. 232-234) оид ба аҳаммияти истифодаи дастмонаҳои электронӣ ибрози назар шуда, татбиқи он дар ҷумҳурӣ тавсия шудааст. Бояд гуфт, ки татбиқи ин восита ба мазмуну моҳияти ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мухолифат мекунад. Зеро маҳдуд кардани озодӣ баъзе мамнуиятҳоро ба уҳдаи маҳкумшуда вогузор менамояд, воситаи дастмонаи электронӣ маҳкумшударо дар ҳама ҷою дар ҳама маврид зери назорат қарор дода, озодии маҳкумшударо барзиёд маҳдуд месозад. Бинобар ин, аз муаллифи таҳқиқот пурсида мешавад, ки ҷорӣ намудани дастмонаҳои электронӣ озодии маънавии шахсро магар пурра маҳдуд намесозад ва ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мухолифат намекунад?

Новобаста аз эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, онҳо аз мубрамият ва мурракабию васеъ будани мавзуи таҳқиқот гувоҳӣ дода, ба мазмуну муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ

буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

**Суроға муқарриз:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳамадонӣ 55
Тел: (+992) 93-581-93-18; E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
Тел: (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj

«15.» 04. соли 2026.